# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ёрматов Алишер Ҷолматович дар мавзӯи **«Таҳқиқи технологияи педагогикаи ҳамкории мактабу хонавода дар тарбияи хештаншиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

Таҳқиқоти Ёрматов Алишер ба яке аз масъалаҳои муҳими ташаккули ахлоқӣ, ватандӯстӣ, ифтихори миллии ҷавонон бахшида шуда, муҳиммияти масъала дар он зоҳир мегардад, ки Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба манфиатҳои воқеии иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, маърифатӣ, забонӣ, мазҳабӣ ва ниёзҳои мардумоне, ки дар ин сарзамин истиқомат доранд, гувоҳи густариши пояҳои демократии давлат ба ҳисоб меравaнд.

Дар рӯҳияи донишандӯзию маърифатнокӣ, хештаншиносӣ ва ахлоқи ҳамида тарбия намудани насли наврас намунаҳои беҳтарин ва мероси адабӣ, илмӣ, фалсафӣ ва педагогии мутафаккирони барҷаставу шинохтаи адабиёти тоҷик нақши муҳим доранд.

Ёрматов Алишер ҳангоми коркарди таҳқиқот он чизро ба назар гирифт, ки барои дар рӯҳияи баланди талаботи замон тарбияи хештаншиносӣ, худогоҳии миллӣ, худшиносӣ хизмату заҳмат ва дониши баланди омӯзгорони зинаи дуюми таҳсилот, яъне, синфҳои 5-9 хеле зарур аст. Таҳқиқотчӣ ба хулосае омадааст, ки ҳанӯз ин намуди тарбия дар ниҳоди оила, мактаб ва ҷамеа камбудию норасоиҳои зиёде ба чашм мерасад.

Аз ин хотир, таҳқиқотчӣ дар асоси омӯзиши ҳаматарафаи ҳолати масъала, мақсади омӯзиш, предмет ва объекти раванди ташаккулёбии ғояҳои тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллиро муайян карда, таъсири оила ва мактабро дар ҳалли ин масъалаи муҳим динамика ва механизми инкишофро муайян ва баррасӣ карда тавонист.

Дар рисола мафҳумҳои хештаншиносӣ, худогоҳии миллӣ, шинохти худ, ҷиҳатҳои педагогию психологии хонандагони синфҳои 5–9 (мактаби асосӣ), рисолати касбии омӯзгорони дарсдиҳандаи ин зинаи таҳсилот хеле бо тартиб ва дар ҷою мавриди худ шарҳу баён ёфтаанд.

Дар рисолаи илмӣ вазифаҳои таҳқиқот муайян ва моҳияти раванди ташаккулёбии сифатҳои ахлоқӣ дар мавҷудияти шароитҳои воқеӣ, маданияти зуҳурёбӣ ва инкишофи ақидаҳо марбут ба тарбияи хештаншиносӣ, манбаъ ва сарчашмаҳои пайдоиш ва инкишофи тарбияи хештаншиносӣ, аниқ намудани масъалаҳои ба миён гузошташудаи олимони шинохта оид ба ин масъала нишон дода шудааст.

Ёрматов Алишер ҳангоми муайян кардани навгониҳои таҳқиқот ҳама паҳлуҳои масъаларо ба ҳисоб гирифта, чунин механизми ташаккули тарбияи хештаншиносиро дар ҷараёни таълиму тарбияи муассисаи таълими таҳсилоти асосӣ дар заминаи назарияи дизпозитсионии шахсият муайян карда тавонист.

Барои ҳалли ин масъалаҳо унвонҷӯ аз комплекси методҳои илмӣ – мушоҳида, пурсишномаҳо, мусоҳибаҳо, воситаҳои ташхиси психикӣ, таҷрибаи педагогӣ, омӯзиш ва ғайраҳо истифода намуд.

Рисолаи илмӣ - таҳқиқотӣ дар се марҳила: марҳилаи якум – (солҳои таҳсили 2015–2016) давраи омӯзиш ва таҳлили адабиётҳои илмӣ – методӣ, психологӣ; марҳилаи дуюм (солҳои таҳсили 2017–2018) нишондиҳандаҳо ва паҳлуҳои омодасозии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ба воситаи хештаншиносӣ ва марҳилаи сеюм (солҳои 2019 – 2021) маълумоти таҳқиқотӣ, назариявӣ ва таҷрибавии (эмпирикӣ) ҷамъбаст ва натиҷаҳои ҳосилгардида, мушаххасу муайян ва таҳлили худро ёфтаанд.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, ду боб, натиҷаи бобҳо, хулоса, замимаҳо ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст. Диссертатсия аз 163 саҳифаи андозаи А 4 мураттаб гардидааст.

Боби якуми диссертатсия–«Асосҳои педагогӣ–психологии фаъолияти мактаб, оила ва аҳли ҷомеа дар тарбияи хештаншиносии

мактаббачагони синфҳои 5 – 9 муассисаҳои таҳсилоти асосӣ» аз се зербоб иборат буда, мавқеи омӯзгорони фанҳои таълимӣ дар сохти системаи таълимӣ муқаррар гардидааст. Дар боби зикршуда, проблемаи тарбияи хештаншиносӣ ва дар ин рӯҳия тарбия намудани насли наврас, ки яке аз масъалаҳои мубрами замони имрӯза буда, як қисми таркибии миллати тоҷик маҳсуб меёбад, маълумоти мукаммал дода шудааст.

Боби дуюми диссертатсия, ки «Корҳои таҷрибавӣ – омӯзишӣ оид ба тарбияи мактаббачагон дар рӯҳияи хештаншиносӣ, худогоҳӣ» номгузорӣ шудааст, аз се зербоб иборат мебошад. Унвонҷӯ Ёрматов Алишер ҳангоми коркарди омории маълумоти санҷишии бадастомада оид ба тарбияи хештаншиносӣ дар раванди таълим, натиҷа, хулоса ва пешниҳодҳо оид ба тарбияи хештаншиносӣ хонандагони синфҳои муассисаҳои таҳсилоти асосиро фаро мегирад. Асоснокии корҳои озмоишӣ, яъне, қисмати муҳимми озмоиш аз татбиқи шароитҳои педагогӣ, ки ба такмили сифати тайёрии хонандагон ба тарбияи хештаншиносӣ мусоидат менамояд, иборат мебошад.

Ҳангоми гузаронидани озмоишҳои педагогӣ-психологӣ унвонҷӯ муассисаҳои таҳсилоти асосии № 3, 9, 40, 41-и шаҳри Кӯлоб, №55 ноҳияи Восеъ  ва №23 ноҳияи Темурмаликро истифода намудааст. Дар озмоиш 202 мактаббача, ки 86 нафари онҳо аз муассисаҳои таҳсилоти асосии шаҳри Кӯлоб, 32 талаба аз ноҳияи Восеъ, 28 талаба аз ноҳияи Темурмалик ва ғайраро ташкил мекарданд.

Ёрматов Алишер ба вазифаҳои асосии таҳқиқот, иҷроиши онҳо ба хубӣ баромада тавонист. Ҳангоми коркарди масъала кӯшиш кардааст, ки ба моҳияти масъала дуруст сарфаҳм равад.

Мафҳумҳои асосии вожаи миллат, хештаншиносӣ, ифтихори миллӣ, худогоҳии миллӣ, фикру андешаҳои омӯзгорон, волидони хонандагон, талабагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ (синфҳои 5 – 9) –ро ба тарзи васеъ таҳлил ва таҳқиқ намояд.

Хулосаи умумии кор ҳамаи паҳлуҳои рисолаи илмиро дар бар гирифта, пешниҳодҳо ва тавсияҳои судмандро барои дар оянда чӣ гуна бояд кард, пешниҳод шудааст.

Аз рӯи ин масъала маводҳои чопӣ таҳия карда шуда, нуктаҳои асосии таҳқиқот дар шакли мақолаҳо, гузоришҳо, пурра инъикоси худро ёфтаанд.

Дар вақти таҳия ва омода намудани рисолаи илмӣ унвонҷӯ ба назардошти феҳристи адабиёт (195 адад) истифода карда тавонистааст. Аппарати илмии кор бо талаботи КОА мувофиқат менамояд.

Ҳамчун роҳбари илмӣ ҳисоб мекунам, ки Ёрматов Алишер вазифаҳои дар пешгузоштаашро дуруст иҷро намудааст. Мундариҷаи кор далолат менамояд, ки масъалаҳое, ки дисертант ба миён гузоштааст, дар ояна ба рушди илмҳои педагогӣ ва психологӣ аҳамияти хуби илмӣ доранд. Ҳамчун муаллими мактабӣ олӣ, корманди илмӣ, ҷамоатчии фаъол, тарбиятдиҳанда, иҷрои кори Ёрматов Алишер барои ноил шудан ба дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пурра арзанда мебошад.

Роҳбари илмӣ:
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи педагогикаи Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ
Корманди шоистаи Тоҷикистон: Иброҳимов Г.

Суроға: ҶТ ш.Кӯлоб маҳаллаи Ш.Шоҳин 37\36
Тел: (+992) 987 15 14 15
Вет –Сайт: www/tj; Email: kgu to@ rumail.ru

Имзои дотсент Иброҳимов Г.-ро
тасдиқ мекунам. Сардори РК ва КМ
ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС